*УДК 342*
**DOI** *10.24412/2411-1945-2022-1-115-121*

**НАҚШИ ДАВЛАТИ ДУНЯВӢ ДАР ТАНЗИМ ВА РАФЪИ БАРХӮРДҲО БАЙНИ ҚОНУН ВА ДИН: МАСОИЛИ НАЗАРИЯВӢ - ТАЪРИХӢ**

**Ҷавҳарова Мадина Мухторовна**
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносӣ ДДҲБСТ
(Тоҷикистон, Хуҷанд)

**РОЛЬ СВЕТСКОГО ГОСУДАРСТВА В ДИАГНОСТИКЕ И ПРЕОДОЛЕНИИ КОЛЛИЗИЙ МЕЖДУ ПРАВОМ И РЕЛИГИЕЙ**

**Джавхарова Мадина Мухторовна,** ст. преподаватель кафедры конституционного права юридического факультета ТГУПБП (Таджикитан, Худжанд)

**THE ROLE OF SECULAR STATE IN DIAGNOSIS AND OBVIATION OF COLLISIONS BETWEEN LAW AND RELIGION**

**Djavharova Madina Muhtorovna**, senior lecturer of the department of Constitutional law under the juridicial faculty of TSU LBP, Tajikistan, Khujand
**E-MAIL:**lotos_2680@mail.ru

***Калидвожаҳо***: *давлати дунявӣ, муносибати давлат ба дин, давлати теократӣ, демократия, ҳуқуқ ва озодии виҷдон, принсипҳои давлати дунявӣ, дин, атеизм, пешгирии ифротгарии динӣ, ҷаҳонишавӣ*

*Масоили мубрами муносибати давлат ва дин ба риштаи таҳлил кашида шудаанд. Ақидае пеш гузошта шудааст, ки то замоне, ки ҷомеа вуҷуд дорад, ҳам ҳуқуқ ва ҳам дин ҳамчун танзимгари табиии муносибатҳои ҷамъиятӣ, таърихӣ ва иҷтимоӣ хизмат мекунанд. Таҷрибаи давлати шӯравӣ дар ҳамкории мутақобилаи дин ва ҳуқуқ, махсусан дар минтақаи Осиёи Марказӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Зикр шудааст, ки маҳз дар давлати дунявӣ шароити самарабахш ба вуҷуд оварда мешавад ва воситаҳои махсусе мавҷуданд, ки ба рафъи ихтилофи байни ҳуқуқу дин мусоидат мекунанд. Муносибатҳои мутақобилаи онҳо мунтазам рушд мекунанду тағйир меёбанд ва бешубҳа ба кадом самт инкишоф ёфтани онҳо аз худи ҷамъият ва шаклҳои ташкили ҷамъиятию сиёсии он вобаста аст.*

***Ключевые слова***: *светское государство, теократия, демократия, право и свобода совести, принципы светского государства, религия, атеизм, религиозный экстремизм, глобализация*

*Прорабатывается проблема взаимоотношений права и религии в светском государстве. Обосновывается идея о том, что, пока существует общество, право и религия будут существовать как естественно-исторические и социо-нормативные регуляторы. Рассматривается опыт Советского государства во взаимодействии религии и права, особенно в Средне-Азиатском регионе. Утверждается, что именно в светском государстве создаются наиболее эффективные условия и имеются специальные средства, которые помогают преодолеть коллизии между правом и религией. Взаимоотношения*

*между ними будут раз за разом развиваться и меняться, а то, в каком направлении они будут развиваться, зависит от самого общества и от формы его общественно-политической организации.*

***Key-words:*** *secular state,theocracy, democracy, law and liberty of conscience, principles of secular state, religion, atheism, religious extremism, globalization*

*The article is a working thesis on the problem of interrelations between law and religion in a secular state. The author substantiates the idea that until there exists the society law and religions will be co-existing as natural-historic and socio-normative regulators. He convasses the experience of the Soviet state in interrelation between law and religion, espessialy in Central Asian region. It is asserted that namely in a secular state the mostly effective conditions are created where special media being available help surmount collisions between law and religion. Interrelations between them will be developing and changing every time and the streamline of this movement depends on the very society, the form of its social-political organization.*

Инкишофи мабдаъҳои давлатдорӣ дар тамоми фазои пасошӯравӣ амиқ ва ҳамаҷониба омӯхтани муносибатҳои мутақобилаи ҳуқуқ ва динро тақозо мекунад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, радикализатсия ё тундгароии дин, таҳдиди ифротгароии мазҳабӣ, бархӯрди арзишҳои ҳуқуқии муосир ва ҷараёнҳои динӣ ҷустуҷӯи роҳҳои муколамаи байни ҳуқуқ ва динҳои анъанавии ҷаҳонӣ, таъмини, эҳтироми мутақобилаи арзишҳои тарафайн аҳамияти махсус пайдо мекунанд. Дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон масъалаи муносибати давлат бо дин, инчунин бартараф намудани бархӯрдҳо бо омилҳои гуногуне, ки бо истифода аз рукнҳои динӣ ба оромӣ ва осудагии ҷомеа таҳдид менамоянд, мубрамияти махсус касб кард. Дар ин мақола мо тасмим гирифтем, ки ҷанбаҳои амалии муносибати байни давлат ва дин, байни қонунҳои аз ҷониби давлат қабулшаванда ва меъёрҳои динии мавҷударо мавриди таҳқиқ қарор диҳем.

Дар тӯли тараққии таърихи ҷамъияти инсонӣ муносибаҳои мутақобилаи ҳуқуқу дин асосан дар бархӯрди онҳо, дар кӯшишҳои ба даст овардани тасаллути ин ё он ҷониб зоҳир мегардид. Зимнан одамон ҳамеша ба рафъи ин бархӯрдҳо, ёфтани тарзҳои ҳамзистии осоиштаи ҳуқуқу дин саъю кӯшиш мекарданд, зеро ҳам ҳуқуқ ва ҳам дин барои ҷамъият аҳамияти махсус доранд, қисми ҷудонашавандаи фарҳанги маънавию ҳуқуқии одамон мебошанд.

Ба ақидаи Э.А.Лукашева алоқаи зичи ҳуқуқ ва дин амалан қариб ба ҳамаи низомҳои ҳуқуқии халқҳои ҷаҳон хос аст [6, 22]. Мулоҳизаи мазкур ба андеша водор месозад: дар кадом шакли давлатдорӣ, дар қаринаи режими сиёсӣ ҳамкории самарабахши мутақобилаи ҳуқуқ ва дин, ҳамкорӣ ва кӯмаки байниҳамдигарии онҳоро дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, маънавӣ, маърифатӣ ва масоили дигар таъмин кардан мумкин аст. Ба назари мо, бо боварии комил метавон гуфт, ки маҳз дар давлати дунявӣ шароиту воситаҳое мавҷуданд, ки ба рафъи бархӯрдҳои ҳуқуқ ва дин дар ҷомеа ёрӣ мерасонанд.

Дар заминаи муносибатҳои давлат ва дин, мо метавонем дар бораи давлати теократӣ, атеистӣ ва дунявӣ сухан ронем.Дар ҳамаи ин давлатҳо бо ин ё он тарз ҳуқуқ ва дин ба сифати танзимгари мустақили иҷтимоӣ - меъёрии муносибатҳои ҷамъиятӣ зуҳур мекунад. Бартарияти ҳуқуқ ё дин дар низоми танзими иҷтимоӣ- меъёрӣ пеш аз ҳама дар давлатҳои дорои самтияти мазҳабӣ ё режими ғайридемократӣ мушоҳида мешавад. Ба ин гуна давлатҳо аз як тараф, давлатҳои теократӣ-клерикӣ ва, аз тарафи дигар, давлатҳои атеистӣ ва тоталитариро мансуб донистан мумкин аст.

Дар мавриди аввал дин ба сифати танзимгари меъёрӣ тасаллут дорад, дар мавриди дувум

бошад, нақши мазҳабро дар танзими иҷтимоӣ-меъёрии муносибатҳои ҷамъиятӣ пурра сарфи назар намуда, ҳуқуқ тасаллут ба даст меорад. “Инҳироф” ба тарафи давлати теократӣ ё атеистӣ, дар навбати худ дар ҳамкории ҳуқуқу дин номутавозиниро ба вуҷуд меорад.

Вақте ки мо дар бораи давлатҳои теократӣ сухан меронем, танҳо кишварҳои муосири арабро дар назар надорем.

Дар тӯли асрҳои миёна то фарорасии давраи Эҳё тамоми Аврупо таҳти таъсири калисои католикии Рим буд. Моҳиятан кишварҳои аврупоӣ монархияҳои теократӣ буданд. Дар асрҳои миёна падидаҳои (институтҳои) сиёсӣ мувофиқи нияту иродаи феодалҳо ва калисо ташаккул меёфтанд. Вижагии асосии ҳуқуқи феодалӣ партикуляризм ва таъсири умдаи дин ба низоми ҳуқуқӣ буд. Аммо дар Аврупо дар давраи Эҳё ғояи ташкили давлати дунявӣ ба миён омад. Дар ниҳояти кор раванди секуляризатсияи ҷомеа оғоз шуд ва Аврупо аз тасаллути калисои католикии Рим озод гардид.

Агар мафҳуми "дунявият"-ро ба маънои васеъ баррасӣ кунем, қайд кардан лозим аст, ки он, пеш аз ҳама, "ба туфайли" фарҳанги тамаддунофари яҳудию масеҳӣ ба вуҷуд омадааст. Ба ибораи дигар, мо дар назар дорем, ки таърихан дин сохторҳои ҳокимият дошт, ки онҳо сохторҳои давлатии ҳокимияти дунявиро таҳти нуфуз гирифта буданд.

Давлати атеистӣ чунин давлатест, ки дар он нақши дин дар ҳаёти ҷамъиятӣ комилан сарфи назар карда ё ба ба ҳадди ақалл расонида мешавад. Мафҳуми чунин давлатро бо назардошти маҷмӯи хусусиятҳое, ки дар ҳаёт ба таври возеҳ зуҳур кардаанд, мудаллал сохтан мумкин аст. Масалан, нуқтаи назаре вуҷуд дорад, ки тибқи он дар давлатҳои атеистӣ мақомоти давлатӣ ташкилотҳои динро таъқиб мекунанд [5, с.35-36]. Чунин давлат идеологияи расмии худро дорад, ки он комилан аз ҳар гуна “тобишҳои” динӣ озод аст. Аксари муаллифон Иттиҳоди Шӯравиро намунаи чунин давлат меҳисобанд. Ба андешаи мо, ин мулоҳиза баҳсталаб аст. Сиёсати Иттиҳоди Шӯравӣ на ҳамеша нисбат ба дин тахрибкорона буд.

Он мулоҳиза, ки давлати шӯравӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ташкилотҳои атеистии қоҳираро таъсис намудааст, ба ҳақиқат рост намеояд. Дар натиҷаи солҳои 20-уми қарни гузашта дар худуди Тоҷикистон барқарор гардидани ҳокимияти шӯравӣ гузариш аз давлати теократии исломии дорои низоми ҳуқуқии мусулмонӣ ба давлати дунявии дорои анъанаҳои ҳуқуқи русиягӣ ба вуқӯъ пайваст. Маҳз мабдаи шӯравӣ ибтидои дунявии давлатдории тоҷикон ба шумор меравад.

Маҳз дар ин давра тадриҷан даст кашидан аз меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ ва анъанавӣ ба ҳайси танзимгари муносибатҳои иҷтимоӣ оғоз ёфт.

Шакли ҳуқуқии танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ дар қаламрави Осиёи Марказӣ дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва умуман ташаккули низоми нави танзим ҷаҳиши инқилобӣ буд. Муносибати нав маънои куллан даст кашиданро аз амали дигар танзимгарони иҷтимоӣ (алахусус шариат)-ро дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ дошт. Аз рӯи инсоф бояд қайд кард, ки даст кашидан аз муносибату анъанаҳои динӣ якбора муяссар нагардид. Эҳтимол сабаби ин ҳолат дар ниҳон аст, ки аксарияти аҳолии Осиёи Марказӣ ба қонуну фармон ва муқаррароти ҳукумати нав чандон эътимод зоҳир накарданд. Аз ин рӯ,ба мақсади самарабахш ҷорӣ намудани шаклҳои нави ҳуқуқӣ кӯшишҳои дар навбати аввал пешниҳод кардани меъёрҳои куҳнаи иҷтимоӣ (масалан, шариат) ба назар расид. Масалан Ф.Т. Тоҳиров истинодан ба маводи бойгонӣ чунин мешуморад, ки дар соли 1922 Комиссариати халқии адлия (Комиссариати халқии адлияи Ҷумҳурии Автономии Шӯравии Сотсиалистии Туркистон дар назар аст-М.Ҷ.) анҷумани қозиён ва муфтиёнро даъват кард. Анҷуман дар бораи таҳияи “Кодекси мукаммали шариат”

қабул кард, лекин бо сабабҳои номаълум ин иқдом ба охир расонида нашуд [4, 66].

Ба андешаи мо сабаби бебарор анҷомидани кӯшишҳо оид ба тадвини кодекси шариат на ҷидду ҷаҳди ба ҳам мутобиқ сохтани дину ҳуқуқ, балки ба ҳуқуқ бахшидани шакли динӣ ё ба шариат бахшидани шакли ҳуқуқи дунявӣ буд. Дар натиҷа кор бо инкори мутақобилаи онҳо анҷом ёфт. Дар аввали асри XX дар Тоҷикистон ҳамчунин кӯшишҳои меъёрҳои динро иқтибос кардани ҳуқуқ ба назар мерасиданд. Дар оғози давраи ҳуқуқ, ба назари мо, ҳамкории мутақобилаи он бо дин на ҳодисаи тасодуфӣ, балки зарурӣ буд. Ҳамкорӣ асосан дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ, меросӣ, меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ҳуқуқии иҷтимоӣ ҷой дошт.

Чаро маҳз дар аввали асри XX ҳамкории дин ва қонун ин қадар фаъол буд? Мусаллам аст, ки аз миёнаи асри XIX дар ҳудуди аморати Бухоро ҳам меъёрҳои дин ва ҳуқуқи маъмулӣ ва ҳам ҳуқуқи позитивии Русияи подшоҳӣ ҳамзамон амал мекарданд. Бояд гуфт, ки аморати Бухоро давлати феодалӣ-истибдодӣ бо мутлақият теократӣ буд, Русияи подшоҳӣ бошад ба пурра аз байн бурдани шаклҳои куҳнаи танзими меъёрӣ манфиатдор набуд. Бинобар ин саволе ба миён меояд: сабаби «ҳамкорӣ» -и дин ва қонун дар давраи шӯравӣ дар чист?

Тавре ки ҳамагон медонанд, Ҳукумати Шуравӣ сиёсати интишори саросари атеизмро фаъолона пеш мебурд. 23 январи соли 1918 аз ҷониби Шӯрои Комиссарони Халқ қабул шудани декрети "Дар бораи ҷудо кардани калисо аз давлат ва мактаб аз калисо" маънои оғози дунявигардонии ҳаёти ҷамъиятӣ, амалан ҷудо кардани дин аз давлатро дошт. Айни замон, тадриҷан ба роҳ мондани муносибатҳои байни ҳуқуқ ва дин оғоз ёфт ва ин сиёсати дуруст буд, зеро дар баъзе минтақаҳои давлати шӯравӣ, ки аксари аҳолии онҳо мусулмон буданд, бо суръат даст кашидани одамон аз арзишҳои исломӣ тасаввурнопазир буд.

Ба давлатҳои атеистӣ табдил додани аввалин ҷумҳуриҳои шӯравӣ дар Осиёи Миёна умуман кори ғайриимкон буд. Дар солҳои аввал ҳокимияти шӯравӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз ҳокимияти атеистӣ дида, бештар ба ҳокимияти дунявигаро шабоҳат дошт. Ҳукумати Шӯравӣ барои ҳамкории муассири хуқуқ ва қонун дар ҳалли вазифаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ – маърифатӣ, ҳамчунин бешакку шубҳа барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсии худ шароит фароҳам овард, ва заминаи қонунгузориро муҳайё сохт [3, 197].

Дар он замон дар минтақаи Осиёи Марказӣ шароити сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавӣ барои ҳамкории мутақобилаи хуқуқ ва дин фароҳам оварда шуд. Ба ақидаи Ш.Шабдолов, агар дар амалия ва дар таърихи ҳокимияти шӯравӣ далелҳои муносибатҳои ғайри қобили қабул ба ҷомеа ва созмонҳои динӣ ҷой дошта бошанд, онҳо на дар асоси меъёрҳои конститутсионӣ, балки баръакс, бар хилофи меъёрҳои мазкур зуҳур менамуданд [2, 70].

То имрӯз илми ҳуқуқ таносуби ҳуқуқ ва динро асосан дар заминаи таърихӣ баррасӣ мекард ва ҳамеша робитаи зичи онҳо дар ташаккули фарҳанги танзими меъёрии муносибатҳои иҷтимоии ин ё он халқи мушаххас қайд карда мешуд. Таъмини муносибатҳои қобили қабули дуҷонибаи ҳуқуқ ва дин яке аз мақсадҳои асосии давлатҳои дорои режими дунявӣ буд ва боқӣ мемонад. Як ақидаи хеле баҳсбарангез вуҷуд дорад: муколамаи байни давлат ва дин танҳо дар сурате имконпазир аст, ки ҳокимияти дунявӣ ва аҳли зиёи давлати дунявӣ ин ё он мазҳабро ҳамчун асоси маънавии рушди фарҳангию таърихии мардуми худ эътироф кунанд. Мулоҳизаи охир ба асосҳои мавҷудияти ҳар як давлат дахл дорад ва метавонад бисёр равандҳои ҷомеаро шарҳ диҳад, инчунин роҳҳои ҳалли онҳоро дар сатҳи ҳуқуқи дунявӣ муайян кунад. Нуктаи мазкур баҳсбарангез аст, зеро он ба принсипи асосии давлати дунявӣ - бетарафии давлат нисбат ба ҳама динҳо ва ҷараёнҳо мухолифат мекунад. Дар муқаддимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» нақши махсуси мазҳаби ҳанафии дини ислом

дар рушди фарҳанги миллӣ ва ҳаёти маънавии мардуми Тоҷикистон таъкид шудааст [7, 45]. Ин амалия дар таърихи Федератсияи Русия, Булғористон ва дигар кишварҳои ҷаҳон низ ба мушоҳида мерасад. Дар он мамлакатҳо дар сатҳи қонун нақши марказии ин ё он дини асосии анъанавии ҷаҳонӣ зикр шудааст.

Давлати дунявӣ дар гунаи демократӣ ва ҳуқуқӣ ба инсон озодии интихоби динро пешниҳод мекунад. Ягон дин, ягон ҷараёни дини анъанавӣ дар давлати дунявӣ, ҳатто дар рушди фарҳангӣ ва таърихӣ наметавонад нақши истисноӣ дошта бошад. Мо ҷонибдори ақидаи О.А.Дворникова мебошем, ки кӯшиши мақоми афзалиятнокро ишғол кардани яке аз динҳо метавонад боиси тоталитаризми динӣ гардад, ки он афзоиши ихтилофоти байни тамаддунҳо, табақабандии амиқи иҷтиморо аз рӯи аломати мансубияти динӣ ба бор меорад. Дар давлати дунявӣ ҳамчунин динро маҷбуран ҷорӣ кардан мумкин нест.

Худи дин ин принсипро риоя мекунад. Масалан, дар ислом ин принсип тасдиқи меъёрии худро дар ояти 256-уми сураи «Ал-Бақара» -и Қуръон ёфтааст: «Ло икроҳа фи-д-дин». Дар Қуръон инчунин оятҳои зиёде ҳастанд, ки озодии виҷдони инсонро эътироф мекунанд [1, 54-63].

Интихоби дин ва эътиқод аз худи шахс вобаста буда, ҳар як шахс масъули интихоби дурусти худ ва риояи қонунгузории давлат мебошад. Дар ҷаҳон стандарти ягонаи давлатдории дунявӣ вуҷуд надорад, чӣ тавре мафҳуми "давлати дунявӣ", ки аз ҷониби кулли олимон эътироф шуда бошад, мавҷуд нест. Ҳамзамон аломатҳо ва хусусиятҳои умумӣ, вижагии таърихии давлатдории дунявӣ муайян карда шудаанд. Аз ҷумла, дар моделҳои давлатҳои дунявии Ғарб, на танҳо дин бояд аз корҳои давлатӣ ҷудо карда шавад, балки ҳама гуна идеология, новобаста аз он ки мазҳабӣ аст ё не бояд аз корҳои давлатӣ ҷудо бошад. Аз ин ҷо бармеояд, ки дар давлати дунявӣ ҷомеа бояд аз ҳама гуна идеологияи таҳмилӣ озод бошад. Ба чунин давлат бояд гуногунназарӣ ва гуногунандешӣ дар мафкура, дар интихоби дин хос бошад. Аз ин рӯ, дар давлати дунявӣ иттиҳодияҳои атеистӣ, ба монанди иттиҳодияҳои динӣ, бояд аз давлат ҷудо карда шаванд.

Ба модели давлати дунявии шарқӣ куҳнагароӣ ва нигоҳ доштани вижагиҳои ҳувиятӣ хос аст, ки онҳо бо унсурҳои фарҳанги миллӣ сахт омехта шудаанд. Дар фарҳанги миллӣ бошад дин ҷои марказиро ишғол мекунад. Бо назардошти ин нукта бунёди модели шарқии давлати дунявиро бо шарти кафолати қатъии азодии виҷдон ва эътиқоди динӣ бояд меъёрҳои асосие, аз қабили ҷудо кардани иттиҳодияҳои динӣ аз давлат, муносибати баробари давлат ба ҳамаи мазҳабҳо ва ҳаракатҳо, тобеияти иттиҳодияҳои динӣ ба муқаррароти қонун, имконнопазирии ба иттиҳодияҳои динӣ додани ваколатҳои давлатӣ, ба корҳои ҳамдигар дахолат накардани давлат ва иттиҳодияҳои динӣ, дунявияти маорифи давлатӣ ва ғайра ташкил кунад. Ба ҳар ҳол кадом ҷиҳатҳо байни онҳо ихтилоф бармеангезанд ва кадом ҷиҳатҳо ҳуқуқу динро муттаҳид месозанд? Ба назари мо, онҳоро он нукта муттаҳид месозад, ки ҳам ҳуқуқ ва ҳам дин қоидаҳои муайяни рафторро дарбар мегиранд.

С.Н. Кожевников чунин мешуморад, ки ҳуқуқ ва дин танзимгарони низомманди ё системавии ҳаёти иҷтимоӣ дар гузашта ва ҳозира мебошанд, ки қобилияти такмил додани ҳамдигарро доранд. Умумият ва дастгирии мутақобилаи онҳо дар он зоҳир мешавад, ки онҳо ба як объект - рафтори одамон дар асоси шуур ва иродаи худи одамон таъсир мерасонанд [3, 118].

Ҳамзамон, ҳадафҳои онҳо, аз ҷумла пешгирӣ ва ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ аз ҳуқуқвайронкуниҳо, ҷиноятҳо ва ғайра, пешгирии шарри иҷтимоӣ, ки ба некӯаҳволии умумии ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад, бо ҳам мувофиқанд. Ихтилофи байни дин ва ҳуқуқ дар муносибат бо арзишҳои умумиинсонӣ, ҳангоме, ки сухан дар бораи ҳуқуқҳои фитрии инсон ва

усули танзими ҳуқуқӣ дар доираи ҳуқуқи позитивӣ меравад, зоҳир мешавад. Барои рафъи ихтилофи байни ҳуқуқ ва дин зарур аст, ки арзишҳои фарҳангӣ, умумиинсонӣ барои онҳо бояд яксон аҳамият дошта бошанд. Маҳз ҳамин арзишҳо метавонанд ҳуқуқ ва динро муттаҳид кунанд. Дар ин ду соҳаи ҳастии инсон кадом арзишҳои умумиинсонӣ мавҷуданд? Ошкор сохтани умумиятҳои ҳуқуқ ва дин дар ин ё он давлат бидуни ба назар гирифтани хусусиятҳои ҷаҳоншинохтӣ, маънавӣ, ахлоқӣ, этикию фалсафӣ, динӣ, равонӣ, ҳувияти мардуми муқими ин давлат ғайриимкон аст. Аз ин бармеояд, ки дар ҳар як давлат умумияте, ки мо дар бораи он сухан меронем, бо меъёрҳои гуногун муайян карда мешавад.

Ҳамин тавр дар хулоса ишора намудан лозим аст, ки меъёрҳои динӣ аз меъёрҳои ҳуқуқи мусбат фарқ мекунанд. Меъёрҳои динӣ аз меъёрҳои ҳуқуқӣ позитивӣ фарқҳои зерин доранд:

- аввалан, инсонро ба наҷоти рӯҳ дар ҳаёти "дигар" умедвор месозад, дар ҳоле ки қонун ба мавҷудияти "дунявии" ҷисмонии инсон дахл дорад, барои ҳалли масъалаҳои рӯзмарра воситаҳои қонунӣ медиҳад;
- дувум, дин эътиқодро ба нерӯҳои олии фавқуттабиӣ пешбинӣ мекунад, дар ҳоле ки қонун эҳтиром ба мақомоти заминӣ, аз ҷумла давлат дар симои мақомоти идоракунии онро дар назар дорад;
- севум, вайрон кардани қонун муҷозоти махсуси хусусӣ ё амволиро ба бор меорад, вайрон кардани меъёрҳои динӣ, дар навбати аввал, боиси азоби рӯҳӣ мегардад. Чунин паҳлӯҳо ва ҷанбаҳои умумӣ ва тафриқавӣ байни ҳуқуқ ва дин зиёданд. Айни замон, ҷаҳони имрӯза ва пешрафти илмӣ аз бисёр ҷиҳат ба робитаи байни ҳуқуқ ва дин тағйирот медарорад. Муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ба вуҷуд омаданд, ки нисбат ба онҳо дин то ҳол нуқтаи назарашро асоснок накардааст. Масалан, муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ. Соҳаҳое ҳастанд, ки мавқеи дину ҳуқуқ ба ҳам созгоранд. Вале соҳаҳое ҳастанд, ки байни ҳуқуқ ва дин ихтилофоти ҷиддӣ ва, баъзан, бунёдӣ ба мушоҳида мерасанд. Геноижинерия, нусхабардории мавҷудоти зинда (клонирование) ва ғайра аз ҷумлаи онҳоанд.

Дар бораи мувофиқату созгории принсипҳои давлати ҳуқуқӣ ва дунявӣ ва дин таҷрибаи инкишофи давлатию ҳуқуқии давлатҳои муосири демократӣ шаҳодат медиҳанд. Дар давлати дунявӣ дин бояд нақши худро дошта бошад. Пеш аз ҳама он соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро муайян кардан лозим аст, ки дар онҳо дин ва ҳуқуқ босамара ҳамкорӣ карда метавонанд. Ба ақидаи А.И.Косарев давлат ва ҳуқуқ, аз як тараф, ва дин бо анъанаю одобу меъёрҳои ахлоқӣ, аз ҷониби дигар, бояд воситаҳои дар ҷамъият ба вуҷуд овардани пойдорию субот бошанд ва ҳамаҷониба ба рушди ҷамъият мусоидат кунанд. Ф.Т.Тохиров ҳамкории давлати ҳуқуқбунёди дунявиро бо дин дар тарбияи маънавии одамон, ҳалли масоили иҷтимоию башардӯстона мебинад [4, 211].

Бевосита роҷеъ ба шароити Тоҷикистон сухан ронда Д.М. Муллоев қайд мекунад, ки дин дар давлати ҳуқуқбунёди ватанӣ (яъне Тоҷикистон-М.Ҷ.) бояд пояҳои ахлоқии ҷамъиятии тоҷикро мустаҳкам кунад. Ба фикри ӯ, риояи мунтазами меъёрҳои динию ахлоқӣ аз ҷониби мӯъмин заминаи рафтори қонунии ӯ мебошад, ки бо талаботи ҳуқуқ ва қонуният ҷавобгӯ аст [7, 322]. Дар Русия низ православие-мазҳаби насронии шарқӣ ва исломро давлат падидаҳое (институтҳое) мешуморад, ки масъули кори сиёсию тарбиявӣ бо аҳолӣ, иҷтимоишавии ҷавонон ва пешгирии қонунвайронкунӣ мебошанд. Аксари ҳуқуқшиносон ва диншиносон чунин мешуморанд, ки меъёрҳои динӣ дар ҷамъияти муосир ба ҳайси як қисми мероси маънавии ҷаҳонӣ бояд пояи ахлоқии ҳаёти одамон гардида, онҳоро ба таҳаммулпазирию шафқат даъват кунанд. Қонун бошад, гуногунии мазҳабиро эътироф намуда, дар асоси принсипҳои таҳаммулпазирӣ расман кафолатҳои

амалигардонии ҳуқуқи шахрвандонро ба озодии эътиқод муқаррар мекунад. Зимнан, вазифаи асосии қонун - танзими муносибатҳои муҳимтарини ҷамъиятӣ дар давлат ва кафолати озодии сухан ва эътиқодоти динӣ дар ин соҳа вазифаи аввалиндарача боқӣ мемонанд.

Дар хулоса лозим ба таъкид аст, ки то он даме, ки ҷамъият вуҷуд дорад, ҳам ҳуқуқ ва ҳам дин ба ҳайси танзимгарони табиию таърихӣ ва иҷтимоию меъёрӣ вуҷуд хоҳанд дошт. Муносибатҳои мутақобилаи онҳо мунтазам рушд мекунанду тағйир меёбанд ва бешубҳа ба кадом самт инкишоф ёфтани онҳо аз худи ҷамъият ва шаклҳои ташкили ҷамъиятию сиёсии он вобаста аст.

***Пайнавишт:***

1. *Мамед-заде, Азер Аскер-оглы. Свобода совести в Коране / Мамед-заде, Азер Аскер-оглы. Текст: непосредственный // Государство и право. - 2015. - № 4. - С. 54-63.*
2. *Лукашева Е.А. Право и религия /Е.А. Лукашева. Текст: непосредственный // Проблемы общей теории права и государства / под общ. ред. В.С. Нерсесянца. - Москва, 2002. – 832 с.*
3. *Теория государства и права / под ред. В.К. Бабаева. Текст: непосредственный. - Москва, 2004. – 592 с.*
4. *Тахиров Ф.Т. Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан /Ф.Т. Тахиров Текст: непосредственный. - Душанбе, 2009. – 369 с.*
5. *Ҷалилов К. Масъулияти маънавӣ дар назди Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон /К. Ҷалилов. Матни бевосита // Маҷаллаи ҳуқуқии Академия [Маҷаллаи ҳуқуқии академӣ]. - Душанбе, 2014. № 4 (12). - С. 35-36.*
6. *Шабдолов Ш. Становление Таджикского светского государства: уроки истории / Ш. Шабдолов. Текст: непосредственный // Государство и религия: поиск путей продолжения диалога / отв. ред. П.Д. Шозимов, Р. Хайдаров. - Душанбе, 2005. – С.70.*
7. *Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ (китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ) / Р.Ш. Сотиволдиев. Матни бевосита. - Душанбе: Империал – Групп, 2005. - 720 с.*

***Reference literature:***

1. *Mamed-zade, Azer Asker-ogly. Liberty of Conscience in the Koran // Azer Asker oglu Mamed-zade. Text: Direct // State and Law.- 2015, №4.-pp.54-63*
2. *Lukashyova Ye. A. Law and Religion // Ye. A. Lukashyova Text: Direct// The Problems of General Theory of Law and State // under the general editorship of V.S. Nersesyants. - Moscow, 2012. - 832 pp.*
3. *Theory of State and Law//under the editorship of V.K. Babaev. Text: Direct.- Moscow, 2004.-592 pp.*
4. *Tohirov F.T. Actual Problems of History and Theory of State and Law under the Conditions of State Independence of Tajikistan Republic//F.T. Tohirov. Text: Direct.- Dushanbe, 2009.-369pp.*
5. *Djalilov K. Moral Answerability before the Constitution (Principal Law) of Tajikistan Republic.// K.Djalilov. Text: Direct. Academic Law Journal.-Dushanbe, 2014 №4 (12).-pp. 35-36.*
6. *Shabdolov Sh. Formation of Tajik Secular State: Lessons of History.// Sh. Shabdolov. Text: Direct// State and Religion: Quest of the Ways for Dialogue Continuation//editors-in-charge: P.D. Shozimov, R. Khaydarov.-Dushanbe, 2005.-p. 70*
7. *Sotivoldiev R.Sh. The Problems of State and Law Theory ( educational text-book for higher professional educational establishments// R.Sh. Sotivoldiev. Text: Direct.- Dushanbe: Imperial-group, 2005.-720 pp.*